# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти дараҷаи унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ

Мавзӯъҳои марбут ба публитсистика аз ҳаёти рӯзмарра маншаъ гирифта, ифодагари рӯҳияи давру замони муайян мебошад. Пажӯҳиши муҳаққиқи ҷавон Охунзода Насруддин дар мавзӯи “**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»** ба яке аз масъалаҳои умдаи илми публитсистика бахшида шудааст. Дар диссертатсия, аз як тараф, корнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯ шуда, аз ҷониби дигар, ҷанбаҳои публитсистӣ, ҳунари нигорандагӣ ва образофарии публитсистон дар осори мавриди назар мушаххас гардидааст. Диссертант кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз назарияҳои тозаи илмии муҳаққиқони рус ва тоҷик хулосаҳои зарурии илмиву амалиро татбиқ намояд.

Аҳамияти илмии таҳқиқи мазкур ҷанбаҳои назарии публитсистикаро нисбатан пурра намуда, ба ҳайси адабиёти илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда доир ба масъалаи зикршуда метавонад мавриди истифода қарор гирад. Дар ин замина муаллиф зикр намудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика, таҳлили матни публитсистӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

Аз автореферати диссертант Охунзода Насруддин маълум мегардад, ки диссертатсия аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва аз хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима дар бораи аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқот, методология ва асосҳои назариявии таҳқиқот, арзиши назарӣ

ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия сухан меравад.

Боби аввали диссертатсия «Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон» унвон дошта, аз ду фасл – «Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон» ва «Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ» иборат мебошад. Дар фасли аввал замина ва омилҳои таърихии ташаккули образи Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, хидматҳои таърихию мондагори Сарвари давлат дар таъмину сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушду пешрафти босуботи кишвар бо дидгоҳи илмӣ дар даҳ банд зикр шудааст. Дар ин замина муҳаққиқ бамаврид таъкид мекунад: “Ин ҳама хизмат ва таъмини сулҳ дар кишвар аз як тараф, заминаҳои асосии ваҳдати миллӣ, рӯҳияи созандагӣ, инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, эътибору нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва амсоли ин гардида бошад, аз сӯйи дигар, боиси тавлиди осори гуногуни илмиву публитсистӣ ва ҳунариву бадеӣ доир ба шахсият ва кору пайкори Эмомалӣ Раҳмон шуд”. Дар фасли дуюми боби якум асарҳоеро, ки фаъолият ва корнамоиҳои Пешвои миллатро инъикос менамоянд, аз нигоҳи илмӣ ба панҷ гурӯҳ - асарҳои дорои хусусияти таърихӣ; асарҳои ба сафарҳои Президент бахшидашуда; асарҳои назмӣ; асарҳои публитсистӣ ва асарҳои дар матбуоти даврӣ чопшуда тақсим намудааст. Дар зимн инъикоси симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» унвон дошта, аз фаслҳои «Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ» ва «Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими истиқлолияти миллӣ» иборат мебошад. Дар боби мазкур осори адибону публитсистонеро, ки дар меҳвари онҳо хидматҳои мондагор ва азму талоши Сарвари давлат дар самти созандагию ободкории кишвар, таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар ва бунёдкориҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ қарор гирифтааст, ҳам аз ҷиҳати

мухтавою ғоя ва ҳам аз нигоҳи ҳунару маҳорати нигорандагӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат» номгузорӣ шуда, фаслҳои «Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ» ва «Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ» дар бар мегирад. Муҳаққиқи ҷавон дар боби сеюм имконоти жанрҳо, таносуби воқеият ва бадеият, ҳунари нигорандагии адибону публитсистонро дар тасвири симои Пешвои миллат мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ дар раванди омӯзиш ва таҳлили осори публитсистӣ аз усули таҳлили муқоисавӣ истифода карда, маҳорату малакаи хеле хуби ҷамъ овардану таҳлил намудан ва хулосабарории аз диди назариявию амалӣ дақиқ ва судмандро нишон додааст. Ҳар як фасл ва боб бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба анҷом расида, гувоҳӣ аз риояи яке аз талаботи асосии навиштани диссертатсияи илмӣ дарак медиҳад. Дар хулосаи умумӣ бошад, унвонҷӯ натиҷаҳои таҳқиқоти хешро дар 10 банд ҷамъбаст кардааст, ки дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ буда, ҳар яке аз ин бандҳо дар умум, хулосаи комили диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферати диссертатсияи Охунзода Насруддин бо услуби хоси баён, тарзи дурусти истифодаи иқтибос, таҳияи бобу фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ таълиф гардидааст.

Дар баробари арзишҳои илмию амалӣ дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Агар дар автореферат ба таври фарохтар аз тариқи қиёс осори адибону публитсистон мавриди таҳлил қарор мегирифт, ҷанбаи илмии кор қавитар мегардид.
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм расид.

Бо вуҷуди ин норасоиҳои ҷузъӣ автореферати диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ арзанда мебошад.

Бахтиёр Ҳамдамов,
номзади илмҳои филологӣ, Раиси
Шӯрои васоити ахбори оммаи Тоҷикистон

Индекс: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (992) 939637363, Е-майл: bedil97_68@mail.ru

10. 11. 2020